# БАРГУЗОРИИ ХОНИШИ ИДОРАВӢ ДАР ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

Хониши идоравиро директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ниёзӣ Сироҷиддин оғоз намуда, қайд кард, ки соҳаи маориф зери таваҷҷуҳи доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, дар партави ин ғамхориҳо рушди рӯзафзун ёфта истодааст. Ӯ таъкид намуд, ки кормандони соҳа вазифадоранд фаъолияти касбии худро бо масъулияти баланд, садоқат ба касб ва ҷаҳду талоши пайваста ба роҳ монда, барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва таъмини рушди устувори соҳа саҳми арзанда гузоранд. Дар идомаи хониш Бобоёров Холмаҳмад, ходими калони шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, дар мавзуи «Нақши муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар соҳибкасб гардонидани ҷавонон» бо маъруза баромад намуда, аҳамияти баланд доштани муассисаҳои касбиро дар омодасозии мутахассисони ҷавон ва мутобиқсозии раванди таълим ба талаботи бозори меҳнат таъкид кард. Ӯ зикр намуд, ки таҳкими робита байни муассисаҳои таълимӣ ва соҳаҳои истеҳсолӣ, инчунин такмил додани барномаҳои таълимӣ мувофиқи талаботи замон, омили асосии баланд бардоштани сатҳи касбомӯзии ҷавонон мебошад. Сипас, бо сухан баромад намуд Гадоев Идибек, ходими пешбари илмии шуъбаи мазкур, дар мавзуи «Тарбияи ватандӯстӣ, эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон». Ӯ дар маърузаи худ таъкид намуд, ки тарбияи ватандӯстӣ, эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ ва ҳувияти миллӣ ҷузъи ҷудонашавандаи низоми тарбия буда, дар шароити ҷаҳонишавӣ нақши муассисаҳои таълимӣ дар таҳкими арзишҳои миллӣ ва эҳсоси ифтихори ватандорӣ боз ҳам бештар мегардад. Хониши идоравӣ бо муҳокимаи мавзуҳои пешниҳодшуда ва ибрози фикру мулоҳизаҳои ҳозирин идома ёфта, аз натиҷаҳо хулосабарорӣ гардид.





